# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

1. Мавзӯи тадқиқоти диссертатсияи номзадии Раҳимзода Муъмин Сайфулло «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» дар шароити мавҷудияти таҳдиду хатар ба ҷону моли иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ба наздикони онҳо бинобар иштироки онҳо дар тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ хеле муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад. Дар тадқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд. Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои асосноки муаллиф паҳлуҳои назариявӣ, батанзимдарории ҳуқуқӣ ва амалии масъалаи мазкурро дар Тоҷикистон такмил дода, барои рушди минбаъдаи падидаи мазкур ва рушди низоми ҳуқуқии кишвар дар маҷмӯъ мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Диссертатсия аз ҷониби тадқиқотчӣ муаллифона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни тадқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз санаи 3-юми марти соли 2020, таҳти №62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон тадқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти № 1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои тадқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар тадқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Муъмин Сайфулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳимзода Муъмин Сайфулло маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Файзиев Шохруд Фармонович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Ҷамъияти «Tadqiqot»-и ш. Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

- Муҳитдинов Алишер Абдувоҳидович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Раҳимзода Р.Ҳ.**

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент **Раҳматҷонзода Р.Р.**

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент **Қодиров Д.С.**